**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ашурзода Ҷамшеди Хуршед дар мавзӯи «Ифротгароии динию сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар раванди дигаргуншавии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ)**

Диссертатсияи Ашурзода Ҷ.Х. ба омӯзиши яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муҳиммияти омӯзиши мавзӯъ ягон шакку шубҳаро ба миён намегузорад. Зеро дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият ифротгароии динию сиёсӣ ба яке аз омилҳои ноустуворкунандаи ҷомеа баромад намуда, пайваста ба пояҳои давлату давлатдорӣ таъсири манфӣ мерасонад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар суханрониҳои худ пайваста ин падидаи манфиро маҳкум намуда, аз фаъолони ҷомеа даъват менамоянд, ки дар муқобили он муборизаи беамон баранд. Воқеан ҳам тӯли ду даҳсолаи охир дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ тарғибу ташвиқи ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ дар байни ҷавонон ва муҳоҷирони кории тоҷик хеле зиёд гардидааст. Мутаассифона, ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ тавонистаанд, ки як зумра ҷавононро гумроҳ намуда, ба сафи худ ҷалб созанд. Ин тамоюлот ҳанӯз ҳам идора дорад. Дар чунин шароит дар баробари чораандешӣ, инчунин омӯзиши сабабҳои пайдоиши ифротгароии динию сиёсӣ ва пешгирӣ намудани он хеле муҳим мебошад. Дар таҳқиқоти Ашурзода Ҷ.Х. паҳлуҳои гуногуни ҳамин масъала омӯхта шуда, дар робита бо пешгирии он тавсияҳои амалӣ манзур гардидааст. Пеш аз ҳама муаллиф моҳият ва хусусиятҳои ифротгароии динию сиёсиро нишон дода, сабабҳои пайдоиши онро нишон додааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия – «Ҷанбаҳои назариявию методологии омӯзиши экстремизми динию сиёсӣ», ба таҳқиқи асосҳои илмию назариявӣ ва хусусиятҳои консептуалии масъалаи экстремизм бахшида шуда, дар он хусусиятҳои муҳимми экстремизми динию сиёсӣ, сабабҳои

пайдоиши он ва роҳу воситаҳои пешгирӣ намудани он мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия – «Экстремизми динию сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа» – сиёсишавии дин, идеологияи исломизм, стратегияҳои муборизаи идеологӣ ва паҳншавии ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ дар миёни ҷавонон таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Дар боби сеюми диссертатсия – «Таъсири экстремизми динию сиёсӣ ба суботи сиёсии Тоҷикистон ва роҳу усулҳои безараргардонии он», экстремизми динӣ, радикализми исломӣ, омилҳои бавуҷудоварандаи онҳо, пеш аз ҳама, омилҳои дохилию берунӣ, оқибатҳои ногуворӣ фаъолияти ташкилотҳои экстремистию террористӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, роҳу воситаҳои муқовимат бо паҳншавии ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар раванди таҳқиқот усулҳои мушаххаси илмӣ истифода шудаанд. Аз ҷумла, таҳлили системавӣ, муқоисавӣ, рафторӣ, институтсионалӣ ва навъбандӣ истифода шудаанд. Таҳлили системавӣ имкон дод, ки ифротгароии динию сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шавад. Зеро дар низоми амнияти миллӣ таҳдидҳо ҳамчун унсури системавӣ ба шумор мераванд. Таҳлили муқоисавӣ барои омӯхтани зуҳури ифротгароӣ дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва солҳои минбаъда истифода гардидааст. Таҳлили рафторӣ бошад барои омӯхтани таъсири ғояҳои ифротгароӣ ба афкори ҷамъиятӣ, тағйирёбии рафтори ҷавонон, роҳу воситаҳои таблиғӣ ғояхои ифротгароӣ ва тундгароӣ ба кор бурда шудааст. Таҳлили институтсионалӣ имкон дод, ки хусусияти ғайриқонунӣ доштани фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ нишон дода шаванд. Навъбандӣ ҳамчун усули илмию таҳқиқотӣ барои барои муайян намудани навъҳои гуногуни ифротгароӣ ва муайян намудани нишонаҳои асосии ифротгароии динию сиёсӣ хизмат намуд. Дар маҷмӯъ, усулҳои илмии истифодашуда имкон доданд, ки сабабҳои пайдоиши ифротгароии динию сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, омилҳои гуногуни таъсиррасон ба ин раванд нишон дода шаванд. Махсусан, муайян намудани мушкилиҳои мубориза бо ифротгароии динию сиёсӣ ва пайдо намудани роҳу воситаҳои мувофиқ ҷиҳати

муқовимат бо ин падидаи номатлуб бо истифода аз иқтидори методологии усулҳои номбаргардида амалӣ карда шудааст.

Нававарии таҳқиқотро мушаххасан ба таври зерин нишон додан мумкин аст: моҳият ва хусусиятҳои муҳимми ифротгароии динию сиёсӣ омӯхта шудаанд; сабабҳо ва омилҳои пайдоиши ифротгароии динию сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, роҳу воситаҳои муқовимат бо он нишон дода шудаанд; хусусиятҳои муҳимми сиёсишавии дин таҳлил гардида, нишонаҳои он ҳамчун омили бавуҷудоварандаи ифротгароии динию сиёсӣ муайян карда шудааст; омилҳои гуногуни паҳншавии ифротгароии динию сиёсӣ дар миёни ҷавонон таҳлил гардидааст; пайдоиш ва ташаккулёбии ифротгароии динию сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст; мушкилот ва дурнамои муқовимат бо ифротгароии динию сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Таҳқиқоти мазкур аҳамияти илмию назариявӣ ва амалӣ дорад. Аҳамияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия барои таҳқиқи минбаъдаи ифротгароии динию сиёсӣ заминаи илмию назариявӣ фароҳам меоварад. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот барои гузаронидани мониторинги вазъи ифротгароии динию сиёсии ҷомеа метавонад истифода бурда шавад. Маводи таҳқиқот барои ташаккули ҷаҳонбинии назариявии муҳаққиқони ҷавон ва онҳое, ки ба омӯзиши ифротгароии динию сиёсӣ машғул мегарданд, хеле аҳамиятнок мебошад.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот: натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълим ба таври васеъ истифода бурда шавад; омӯзгорони фанҳои сиёсатшиносӣ, амнияти миллӣ, диншиносӣ, сотсиология метавонанд рисолаи мазкурро ба донишҷӯён ҳамчун адабиёти иловагӣ барои мутолиа намудан тавсия кунанд; маводи диссертатсия метавонад дар раванди таҳияи барномаҳои таълимӣ, васоити таълимӣ ва китобҳои дарсӣ низ истифода бурда шавад; тавсияҳои амалии муаллиф ва хулосаҳои диссертатсия метавонанд аз ҷониби мақомоти қудратӣ ва дигар ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ дар самти мубориза бар зидди ифротгароӣ истифода бурда шаванд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар панҷ мақолаи илмӣ ва се маърӯзаи муаллиф инъикос гардидаанд. Инчунин, муаллиф дар

фаъолияти педагогии худ низ вобаста ба пешгирӣ намудани ғояҳои ифротгароӣ семернаҳои илмӣ ташкил намудааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ашурзода Ҷамшеди Хуршед дар мавзӯи «Ифротгароии динию сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар раванди дигаргуншавии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ таҳқиқоти илмии мукаммал ва анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва барои ҳимоя тавсия мегардад. Муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор,
мудири кафедраи
муносибатҳои байналхалқии,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон /____________/ Нуриддинов Р.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Имзои профессор Нуриддинов Р.Ш.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ.
Тавқиев Эмомалӣ ____________ 17.03.2020